# 22866 - Ҳукми хӯрдани гӯшти товус

## савол

Оё хӯрдани гӯшти товус, агар тибқи шариати Ислом забҳ шавад, ҷоиз аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Хӯрдани гӯшти товус ҷоиз аст, зеро асос ҳалол будани он мебошад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُمْ مَا فِي الأَرْضِ جَمِيعاً البقرة/29

**{Ӯст, ки ҳамаи чизҳоеро, ки дар замин аст, бароятон офарид}.** (Сураи Бақара: 29).

Ва инчунин товус таҳти боби манъшуда дар ҳадиси зерин қарор намегирад:

"Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз хӯрдани гӯшти ҳар ҳайвоноти даррандаи нешдор (дандони шикоридор) ва паррандагони чанголдор манъ кард". Ривояти Муслим (3574).

Гӯшти товус ягон зараре надорад, аз ин хотир, хӯрдани он ҷоиз мебошад.

Аллоҳ донотар аст.